# ҚАРОРИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА-021
## назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**аз 24.09.2025** **ш. Душанбе**

Суханронии Шаҳнозаи Турсунзода дар мавзуи «Калимасозии сифат дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ, тақризи муассисаи пешбар – **Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»**, суханронии муқарризони расмӣ – **Раҳматуллозода Сахидод Раҳматулло –** доктори илмҳои филологӣ, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, **Насруллоев Муҳаммад Нуриллоевич** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забоншиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, муқарризони ғайрирасмӣ – докторони илмҳои филологӣ Султон Ҳасан Баротзода, Гадоев Нурхон, Назарзода Сайфиддин, Мирзоева Моҳира ва Сулаймонов Саидраҳмонро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаи бадастовардаи Шаҳнозаи Турсунзода

## ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Шаҳнозаи Турсунзода дар мавзуи «Калимасозии сифат дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;
2. Маводди илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;
3. Ба Шаҳнозаи Турсунзода дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ дода шавад;

4. Барои додани дипломи номзади илмҳои филологӣ ба Шаҳнозаи Турсунзода аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 14 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор — Гулназарзода Ж.Б.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ — Мирзоёров Ф.Н.

24.09.2025.